«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
профессор Усмонзода А.И.______________
«__24__» __январи__________ 2025 с.

**ХУЛОСАИ**

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзӯи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисолаи илмӣ Иброгимова М.Т. ба ҳайси докторант ва омӯзгори кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият бурдааст.

**Роҳбари илмии диссертант:** Нематуллоева Мавлуда Негматовна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти илмии мазкур барои дарёфт намудани дараҷаи

илмии доктор (PhD) ба шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои баррасишавандаи таҳқиқоти мазкур дар асоси "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ба амал бароварда шудааст. Хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мавзуъҳои илмии бахшҳои гуногуни забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ саҳм дошта бошанд.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рисолаи мазкур ба таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии майдони функсионалӣ-семантики (вазифавӣ-маъноӣ)-и локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар илми забоншиносии муқоисавӣ иқдоми нахустин мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар илми забоншиносӣ дар доираи омӯзиши муқоисавии забонҳо ва инчунин таҳлили функсионалии ҳодисаҳои забонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида бошад ҳам, омӯзиши майдонҳои функсионалӣ-семантикӣ танҳо дар қарни XX оғоз гардидааст. Яъне, ҷанбаҳои мухталифи майдон, сохтори он, нишондиҳандаҳои марказ ва музофот мавриди таҳқиқоти забоншиносон қарор гирифта бошанд ҳам, вале маҳз масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ангуштшумор мебошад. Новобаста аз ин, таҳқиқи муқоисавии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то имрӯз мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст. Инчунин, муаммои мазкур ба таври муқоисавӣ то ҳол таҳқиқ нагаштааст ва маҳз ҳамин масъала муҳиммияти мавзуи интихобшударо асоснок менамояд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсияи мазкур аз он иборат аст, ки омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, ҷойгиршавии майдон ва ифодаҳои марбут ба онро дар ду забони муқоисашаванда фаро мегирад. Ин масъала дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчамаҳои боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони функсионалӣ-семантикӣ дар забонҳои дигари муқоисашванда истифода бурд.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки майдони функсионалӣ-семантикӣ дар ифодаи вазифаи амиқи муоширатӣ хеле муҳим буда, он барои аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ тааллуқ доранд, мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси грамматикаи функсионалӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми навиштани корҳои хатми тахассусӣ ва таҳияи дастурҳои таълимӣ метавон истифода бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои локативият дар заминаи маводи забонҳои англисиву тоҷикӣ ба таври муқоиса мавриди омӯзиш қарор гирифта, сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ таҳқиқ гардида, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо муайян карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани

таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявии кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии муассисаи таълимии номбурда арзёбӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он аст, ки бори нахуст дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор гирифта, хусусиятҳои ба ҳам монанд ва фарқкунандаи онҳо нишон дода шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб бо зербобҳояш, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи маводи таҳқиқотӣ 9 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои мухталифи илмӣ нашр шудаанд.

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Иброгимова М.Т. Мафҳуми майдон ва моҳияти он дар илми забоншиносии муосир / М.Т. Иброгимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. №7. – Душанбе, 2018. –С.31-33.

[2-М]. Иброгимова М.Т. Мақоми пешоянд дар майдони функсионалӣ семантикии локативӣ дар забони англисӣ / М.Т. Иброгимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. №1. – Душанбе, 2019. –С.54-58.

[3-М]. Иброгимова М.Т. Роҷеъ ба яке аз нишондиҳандаҳои ядроии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забони англисии муосир / М.Т. Иброгимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №6. –Душанбе, 2019. –С.66-71.

[4-М]. Нематуллоева М.Н., Иброгимова М.Т. Масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносии муосир / М.Н. Нематуллоева, М. Т. Иброгимова // Паёми донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогика ва таърих. №3 (51). –Душанбе, –2023. –С. 46-52.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-М]. Иброгимова М.Т. Ҳоли макон чун воситаи ифодакунандаи локативият дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / М.Т. Иброгимова // "Аз Ҳазорчашма то Чикаго" Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълимӣ забонҳои хориҷӣ. Хуҷанд, 2018. – С.134-138.

[6-М]. Иброгимова М.Т. Роҷеъ ба масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ / М.Т. Иброгимова // Маҷмуаи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби олӣ: маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ – амалии байналмилалӣ. – Душанбе, 2018. – С.117-118.

[7-М]. Иброгимова М.Т. Грамматикаи функсионалӣ ҳамчун асбоби омӯзиши ҳодисаҳои забонӣ // М.Т. Иброгимова // Маводи конференсияи илмӣ бахшида ба "Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", иҷрои "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030" ва "70-солагии дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ Нематуллоева М.Н." –Хуҷанд, 2019. -С.192-198.

[8-М]. Иброгимова М.Т. Функционально-семантическое поле локативности и ее структура в современном таджикском языке / М.Т. Иброгимова // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ - Екатеринбург, 2020.

[9-М]. Иброгимова М.Т., Зоидова Т.А. Языковая сущность лексико и фразео-семантических полей / М.Т. Иброгимова // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. №10. –Хуҷанд, 2020. – С.97-105.

**Қарор карда шуд:**

Дар анҷоми ҷаласа дар бораи шахсият ва фаъолияти омӯзгории докторант Иброгимова М.Т. сухан карда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёнгардида чунин лоиҳаи хулосаи маҷлис пешниҳод гардид: диссертатсияи Иброгимова М.Т. дар мавзӯи рӯзмарра бо назардошти амалисозии барномаҳои дурнамои давлатии рушди забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва такмили таълими онҳо таълиф гаштааст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар 9 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо дарназардошти андешаҳои боло, дар ҷаласаи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ҷаласаи ғайринавбарии №2/1 аз 10-уми октябри соли 2023 диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзӯи “Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” чун таҳқиқоти анҷомёфта бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 036 назди “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” барои дифоъ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод карда мешавад.

**Иштирок доштанд:** 12 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» -12 н., «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи ғайринавбатии № 6/1 аз 20-уми январи соли 2025.

**Мудири кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Ҳошимова Наргис Мирҳакимовна**

**"Имзои Ҳошимова Наргис Мирҳакимовнаро тасдиқ менамоям".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Сайдуллозода Заррина Сайдулло**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992)9004420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**